АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

АГЕНТИИ АМНИЯТИ ХИМИЯВӢ, БИОЛОГӢ, РАДИАТСИОНӢ ВА ЯДРОЙ

АМНИЯТИ ХБРЯ

Маҷаллаи соҳавии иттилоотӣ ва таҳлилӣ

№4, 2025

ДАР БОРАИ МО

«Мақоми танзимкунандаи давлатӣ оид ба таъмини бехатарии радиатсионӣ - Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, минбаъд мақоми танзимгар номида мешавад, ки сиёсати ягонаи давлатиро амалӣ менамояд...».

1-уми ноябри соли 2001 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Агентии Байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА) шуд ва зарурати эҷоди сохтори танзимкунанда дар соҳаи амнияти радиатсионӣ ба вуҷуд омад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 3594 (16.1-2) аз санаи 18-уми сентябри соли 2002 дар ибтидо дар таркиби Президиуми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи Агентии энергияи атомӣ ва сипас дар заминаи Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сохтории Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Президиуми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 112 аз санаи 25.12.2002) ташкил карда шудааст.

Соли 2003 мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии радиатсионӣ” Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсиониро дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ААЯР АИ ҶТ) мутобиқи моддаи 6-и қонуни мазкур ААЯР АИ ҶТ ҳамчун мақоми танзимкунандаи кишвар, ки сиёсати ягонаи давлатиро татбиқ мекунад ва фаъолияти мақомоти дигари ваколатдорро ҳамоҳанг месозад, таъсис дод.

Мувофиқи қарори Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон № 117 аз 5 ноябри соли 2021 номи Агентии бехатарии ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Агентии амнияти химиёвӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ААХБРЯ АМИТ) тағйир дода шуд.

САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ:

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ талаботро барои татбиқи принсипҳои муҳофизати радиатсионӣ оид ба ҳама гуна ҳолатҳои радиатсия муқаррар мекунад, ки онҳо маънои зеринро далолат мекунанд:

- дар ҳолатҳои радиатсия ба нақша гирифта шуда, ҳамзамон масъули таъмини муҳофизат ва бехатарӣ маҳсуб ёфта, дар мавридҳои зарурӣ мутобиқи талаботи дахлдори зерин амал мекунад;

- дар ҳолатҳои радиатсия (шуоъзании) садамавӣ ва радиатсияи мавҷуда, масъули таъмини муҳофизат ва бехатарӣ мебошад,

- дар ҳама гуна ҳолатҳои радиатсия масъули кафолати муҳофизат ва бехатарӣ ба ҳисоб меравад.

- дар ҳолатҳои радиатсия ба нақша гирифта шуда, ба истиснои радиатсияи (шуоъзании) тиббӣ, масъули таъмини муҳофизат ва бехатарӣ мебошад, ки дар мавридҳои зарурӣ тибқи талаботи дахлдор амал менамояд.

- татбиқи талабот ба системаи таъмини муҳофизат ва бехатарӣ бояд муносиб ба андозаи хавфҳои радиатсионӣ ва алоқаманд бо вазъияти радиатсия бошад;

- ҳамзамон муқаррарот ва дастурамалҳои танзимкунандаро оид ба масъалаҳои муҳофизат ва бехатарӣ муқаррар ё қабул мекунад.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ системаи танзимкунандаро барои таъмини муҳофизат ва бехатарӣ эҷод мекунад, ки он мавридҳои зеринро дар бар мегирад:

-истифода аз хабарномаҳо ва иҷозатномаҳои расмӣ;

- баррасӣ ва арзёбии дастурҳо оид ба самти фаъолият;

- бозрасии қоидавии дастурҳо ва фаъолият;

- таъмини риояи (татбиқи қонун) талаботи танзимкунанда, ки ба ҳолатҳои радиатсияи садамавӣ ва инчунин радиатсияи мавҷуда робита доранд;

-додани иттилоот ва машваратҳо ба ҷонибҳое, ки ба қарорҳои қабулкардаи онҳо дахл доранд ва инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ба аҳолӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ рӯкарди гуногунсозишударо ҷиҳати амалисозии системаи таъмини муҳофизат ва бехатарӣ тавре татбиқ мекунад, ки истифодаи талаботи танзимкунанда бояд муносиб ба андозаи хавфҳои радиатсия бо вазъи радиатсия бошад.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ татбиқи талаботро вобаста ба таҳсилот, омодагӣ ва сертификатсия, саҳми асосии ҳар кадомро дар соҳаи муҳофизат ва бехатарӣ барои ҳамаи шахсоне таъмин менамояд, ки дар фаъолияти ААЯР АМИТ мавҷудияти механизмҳо барои бамавқеъ паҳн кардан дар бинои тарафҳои дахлдор ба монанди таъминкунандагон ва истифодабарандагони манбаъҳо ва иттилоотро дар бораи сабақҳо дар соҳаи таъмини амният ва инчунин бехатарӣ, ки аз таҷрибаи танзимгарӣ, баҳрабардорӣ аз ҳодисаҳо ва садамаҳои ба вуқуъ пайваста низ тамоми хулосаҳои дахлдори гирифташударо ҳамаҷиҳата таъмин мекунад.

Механизмҳои эҷодшуда дар ҳолатҳои муайян барои вогузор кардани иттилооти муносиб ба дигар ташкилоти дахлдор дар сатҳҳои миллӣ ва байналмилалӣ истифода бурда мешаванд.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар ҳамкории судманд бо дигар мақомоти дахлдор аз тариқи танзим ва инчунин бо истифодаи меъёрҳои муқаррарӣ талаботро иҷозат дода, ҳамзамон бо мақсади истифода бурдан ва хусусиятҳои баҳрабардории ҳар як манбаи мавҷуда ё тарҳрезишуда, дастгоҳҳо, қисмҳои таҷҳизот ё сохтмонҳоеро, ки баҳрабардорӣ аз онҳо муҳофизат ва бехатариро тақозо мекунанд, робита барпо менамояд.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ тадбирҳои заруриро бо мақсади пешбарӣ, нигоҳдорӣ ва ҷустуҷӯйи ҳуҷҷатҳои дахлдор низ меандешад.

Ҳуҷҷатҳои мазкур иборатанд аз:

-махзани манбаъҳои баста ва генераторҳои радиатсия;

- бақайдгирии дозаҳои радиатсияи касбӣ;
- қайдҳои махсус вобаста ба таъмини амнияти дастгоҳҳо ва тарзи фаъолият;
- қайдҳои дахлдор мумкин аст, ки вобаста ба таваққуф ва инчунин баҳрабардорӣ ва холӣ кардани дастгоҳҳо аз ҳисоби баста шудани онҳо лозим шаванд;
- гузоришҳо дар бораи ҳодисаҳо, аз он ҷумла ихроҷи маводи радиоактивӣ ба муҳити зист;
-рӯйхати баҳисобгирии (инвентарии) пасмондаҳои партовҳои радиоктивӣ ва маводи сӯхти истифодашуда.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ механизмҳоро барои коммуникатсия ва баррасӣ эҷод мекунад, ки онҳо нигоҳдории ҳамкории касбӣ ва созандаро бо тарафҳои дахлдор ҳангоми ҳалли ҳамаи масъалаҳои марбут ба муҳофизат ва бехатариро тақозо менамоянд.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ гузаронидани машваратҳоро бо мақомоти салоҳиятдор дар соҳаи тандурустӣ ташкил менамояд ва инчунин дигар тадбирҳои судмандро ҷиҳати таъмини муҳофизат ва бехатарӣ ҳангоми бархӯрд бо ҷасадҳои фавтидагон ё худ боқимондаҳое, ки дар ҳолатҳое, ки маълум аст онҳо баста ё бо роҳи радиоактивӣ дар натиҷаи истифода аз тарзуламалҳои радиологӣ ҳангоми муолиҷаи тиббӣ дар натиҷаи ҳолати садамавӣ ба амал омаданд ҳамаҷиҳата меандешад.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ системаи менеҷментро (идоракуниро) тавре фаъол мекунад, ки ба ҳадафҳои мақоми танзимкунанда ба таври пурра ва комилан мутобиқат намоянд ва ба он ҳеҷ як монеаеро эҷод накунад.

ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБ

1. ЧОРАБИНИҲОИ УМУМӢ 7

Ҷаласа оид ба татбиқи Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия 7

Натиҷагирӣ аз фаъолияти нимсолаи дуюми соли 2024 дар ташкилоти ибтидоии “Афканишот” дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ 7

Иштироки кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар маъракаи ниҳолшинонӣ дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 7

Маросими баимзорасонии созишномаи ҳамкорӣ дар самти ташхис ва табобати беморихои саратон байни Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ 8

Иштироки кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар семинари илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “робитаи илм бо истеҳсолот: технологияҳои коркардшуда, мушкилоти татбиқ ва дурнамо” 8

Маросими расмии пардабардории лавҳаи аккредитатсияи байналмилалии АБНА дар Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ 8

Маҷлиси идона бахшида ба Рӯзи модар дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ 8

Тақдим намудани маҳсулоти хӯрока ва тӯҳфаҳо ба ятимони муассисаи давлатии "Маркази дастгирии оила ва кӯдаки №1"-и шаҳри Душанбе 9

Тақдим намудани маҳсулоти хӯрока ва тӯҳфаҳо ба муассисаи давлатии "Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода" 9

Бо муваффақият гузаштани Агентии амнияти ХБРЯ аз аккредитатсияи давлатӣ 9

Шанбегӣ дар Маркази минтақавии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ 10

Сарфароз гардидани олимони Агентии амнияти ХБРЯ бо дипломҳо аз ҷоиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба муносибати рӯзи илм..... 10

Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба Рӯзи пойтахт..... 10

Созишномаи ҳамкорӣ байни Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва Маркази саратоншиносии вилояти Суғд 10

Боздиди хонандагони гимназияи кафолати №63 аз озмоишгоҳи Агентии амнияти ХБРЯ 11

Шиносоӣ бо фаъолияти Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд 11

Иштироки кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар роҳпаймоии идона бахшида ба таҷлили Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон 11

Натиҷагирӣ аз фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар нимсолаи аввали соли 2025 12

Сарфароз гардонидани корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо нишони аълочии тандурустӣ 12

Ифтитоҳи озмоишгоҳи нави харитасозии радиатсионӣ дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ..... 12

Экспедитсия бо мақсади баргузор намудани мониторинги радиатсионӣ дар дараи Уреҷи кӯҳҳои Фон 13

Сарфароз гардонидани директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо ордени «Шараф»..... 13

Баргузории экспедитсияи илмӣ-таҳқиқотӣ бо иштироки намояндагони воситаҳои ахбори омма дар искандаркӯл..... 13

Ба низом даровардани либоси ягонаи нозирони шуъбаи санҷиш ва чораҳои маҷбурсозӣ 14

Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 34-умин солгарди истиқлолияти давлатии ҷумҳурии тоҷикистон 14

Корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо шаҳодатномаи хатми курси омӯзишии “Зан – сарвар" қадрдонӣ гардид 14

Иштироки корманди филиали Агентии амнияти ХБРЯ амит-и вилояти Суғд дар озмуни ҷумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат” 15

Чаласаи ҷамъбастӣ оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар нӯҳ моҳи соли 2025 15

Сарфароз гардонидани корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, академик Улмас Мирсаидов бо медали «80-солагии саноати атомии Русия»..... 15

Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба Рӯзи конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ..... 16

Баргузории дарси кушод дар факултети физикаи Донишгоҳи миллии тоҷикистон. 16

Тамошои дастаҷамъонаи Паёми Президенти ҷумҳурии тоҷикистон 16

Вохӯрӣ бо мақсади шарҳи нуқтаҳои асосии паёми Пешвои миллат..... 16

Ҷаласа дар мавзуи “Нуқтаҳои асосии паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд 17

Мулоқоти директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо фармондеҳи қӯшунҳои сарҳадии КДАМ-и ҷумҳурии тоҷикистон . 17

Ҷаласаи ҷамъбастии солонаи фаъолияти Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ..... 17

2. КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ..... 17

Натиҷаҳои асосӣ 17

Нашри корҳои илмӣ..... 22

Татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар истеҳсолот..... 23

Омода кардани кадрҳои сатҳи баланди илм..... 23

3. ҲАМКОРИҲОИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ..... 25

Иштироки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии АБНА вобаста ба масъалаҳои аккредитатсияи байналмилалии марказҳои минтақавӣ.... 25

Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ-и АМИТ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, мақоми Маркази минтақавиро барои давлатҳои Осиёи Марказӣ расман сазовор шуд..... 25

Маросими расмии супоридани дастгоҳи замонавии рентгени рақамӣ ба Маркази саратоншиносии вилояти Суғд..... 25

Маросими расмии супоридани таҷҳизоти муосири рентгени рақамӣ ба Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ 25

Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва арзёбии илмии равандҳои криосфера”..... 26

Шиносоии директори Маркази байналмилалии илмӣ-техникӣ (МБИТ) бо фаъолияти Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ 26

Аудити АБНА 27

Маросими расмии тақдимоти дастгоҳҳои замонавии рентгени рақамӣ дар Маркази саратоншиносии шаҳри Кӯлоб..... 27

Иштроки намояндаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар ҷаласаи машвaратии Маркази байналмилалии илмӣ-техникӣ.. 28

Семинари минтақавӣ дар мавзуи “Барқароркунии манбаъҳои энергия бо истифода аз технологияҳои ҳастаӣ” 28

Конфронси байналмилалӣ оид ба истифодаи технологияҳои ҳастаӣ ва бехатарии радиатсионӣ 28

Мулоқот бо намояндаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ..... 29

Вохӯрии донорҳо баҳри муҷаҳҳаз гардонидани марказҳои саратоншиносӣ бо технологияи муосир ва омодасозии мутахассисони касбӣ..... 29

Намоиши дастовардҳои кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар Форуми XVIII зиёиёни эҷодкор ва олимони кишварҳои иштирокдори идм 29

И штирок ва баромади кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар чорабинии канорӣ дар ҳошияи конфронси байналмилалӣ сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо 29

Бозديди ҳайати мутахассисони самти бехатарии радиатсионӣ ва муҳити экологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз фаъолияти озмоишгоҳ ва маркази матбуоти Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд 30

Ҷорӣ намудани низоми муосири бойгонӣ ва интиқоли аксҳои рентгенӣ (PACS) дар марказҳои саратоншиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30

Аввалин чорабинии минтақавӣ дар Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ 30

Иштироки олимони тоҷик дар 69-умин ҷаласаи Конфронси генералии Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ..... 31

Мулоқоти ҳайати Тоҷикистон бо намояндагони шуъбаи кафолатҳои АБНА 31

Баргузории консерти байналмилалии "Шоми дӯстӣ" дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия 31

Вохӯрии олимони тоҷик бо директори генералии агентии байналмилалии нерӯи атомӣ 31

Баимзорасонии санад вобаста ба маблағгузории лоиҳаҳои нави АБНА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2027 32

Ворид гардидани аввалин таҷҳизоти брахитерапия ба Маркази саратоншиносии вилояти Суғд бо мусоидати Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ 32

Нишасти навбатии платформаи шарикӣ дар қароргоҳи Дафтари барномаҳои Созмони амният ва ҳамкории Аврупо 32

Ворид гардидани таҷҳизот ва лавозимоти озмоишӣ ба Маркази омӯзиши пиряхҳои амит бо мусоидати Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ..... 33

Ҷаласаи ҳамоҳангии лоиҳаи “Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар ҳалли масъалаҳои мероси уран дар Осиёи Марказӣ”, марҳилаи III 33

Иштироки кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар Форуми дуюми байналмилалии соҳаи саноати маъданҳои кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон 33

4. ЧОРАБИНИҲОИ ҶАМЪИЯТӢ..... 34

Мизи мудаввар “Нақши занону бонувон дар амалигардонии қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид “Соли 2025 – соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”..... 34

Иштироки олимаҳои Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ 34

Тренинги омӯзишӣ дар донишгоҳи миллии тоҷикистон дар мавзуи «нақши ҷавонон ва занон дар бахши об» 34

“Тоҷикона мепӯшем”..... 34

Боздиди донишҷӯёни донишгоҳи миллии тоҷикистон аз озмоишгоҳи маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ 34

Озмуни ҷумҳуриявӣ бахшида ба пиряхҳои Тоҷикистон..... 35

Семинари илмӣ дар дар факултети химияи Донишгҳои давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни..... 35

Маҷлиси навбатии бахши миллии "Хонуми ядроӣ" 36

Нашри чорабинии бахши бонувони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар маҷаллаи “Winfo Women In Nuclear Global” 36

Аксияи "Тоҷикона мепӯшем"..... 36

Иштироки аъзоёни бахши миллии "Хонуми ядроӣ"-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар семинари "Платформаи муколама: Нақши олимазанҳо дар ҳифзи гуногунии биологӣ ва рушди устувор"..... 36

Семинари илмӣ-омӯзиши дар гимназияи № 2 барои хонандагони болаёқати ш. Душанбе..... 36

Дар маҷаллаи "Бонувони Тоҷикистон" вобаста ба фаъолияти бахши миллии "Хонуми ядроӣ" ва дар мачмуъ бонувони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ мақола ба нашр расид 37

Баргузории дарси кушод дар Гимназия ба номи Асадулло Ғуломови шаҳри Душанбе 38

1. ЧОРАБИНИҲОИ УМУМӢ

Ҷаласа оид ба татбиқи Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия

Санаи 27 январи соли 2025 дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ оид ба татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия ҳамоиш баргузор гардид, ки дар он роҳбарият, мудирони шуъбаву бахшҳо ва филиалҳои Агентӣ дар вилоятҳои Суғд, Хатлон ва Бадахшон ба таври маҷозӣ иштирок намуданд.

Директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ таъкид дошт, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 ҳамчун ҳуҷҷати стратегӣ ҳадафҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро барои марҳилаи минбаъда муайян намуда, ба рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия афзалияти хос медиҳад. Татбиқи ин ҳадафҳо аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ масъулияти баланд талаб менамояд.

Натиҷагирӣ аз фаъолияти нимсолаи дуюми соли 2024 дар ташкилоти ибтидоии “Афканишот” дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Санаи 30 январи соли 2025 дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо иштироки муовини КИИ “Хирадмандон”-и Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар АМИТ - Қурбонова Ширин ва раиси ташкилоти ибтидоии “Афканишот” – КИИ “Хирадмандон”, - директори Агентӣ Илҳом Мирсаидзода ва кормандони ин ниҳод маҷлиси васеъ баргузор гардид.

Иштироки кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар маъракаи ниҳолшинонӣ дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Санаи 1 феврали соли 2025 дар асоси ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои сарсабзу хуррамгардонии шаҳри Душанбе ва муассисаҳои он дар шаҳраки академии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ва дигар кормандон маъракаи ниҳолшинонӣ баргузор гардид.

Дар маъракаи мазкур кормандони Агентии амнияти ХБРЯ низ иштирок намуда, дар якҷоягӣ бо дигар кормандони АМИТ дар заминҳои таълимию таҳқиқотӣ ва таҷрибавии муассисаҳои илмӣ зиёда аз 250 бех ниҳолҳои ҳамешасабз ва сояафкан шинониданд.

Маросими баимзорасонии созишномаи ҳамкорӣ дар самти ташхис ва табобати беморихои саратон байни Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ

Санаи 6 феврали соли 2025 дар Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими баимзорасонии созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар самти ташхис ва табобати беморихои саратон байни Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» баргузор гардид.

Иштироки кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар семинари илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “робитаи илм бо истеҳсолот: технологияҳои коркардшуда, мушкилоти татбиқ ва дурнамо”

Санаи 20 феврали соли 2025 дар ҳошияи баргузории Семинари илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Робитаи илм бо истеҳсолот: технологияҳои коркардшуда, мушкилоти татбиқ ва дурнамо” дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон олимону кормандони Агентии амнияти ХБРЯ дар намоиши дастовардҳо иштирок намуданд.

Маросими расмии пардабардории лавҳаи аккредитатсияи байналмилалии АБНА дар Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ

Санаи 27 феврали соли 2025 дар Маркази минтақавии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ифтитоҳи расмии пардабардории лавҳаи аккредитатсияи байналмилалии Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) баргузор гардид. Дар маросими тантанавӣ, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор Амонзода Илҳом ва директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, профессор Илҳом Мирсаидзода ширкат варзиданд.

Маҷлиси идона бахшида ба Рӯзи модар дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Санаи 7 марти соли 2025 дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бахшида ба Рӯзи Модар маҷлиси идона баргузор гардид. Дар ҷамъомади мазкур, директор ва кулли кормандони Агентӣ иштирок намуданд.

Тақдим намудани маҳсулоти хӯрока ва тӯҳфаҳо ба ятимони муассисаи давлатии "Маркази дастгирии оила ва кӯдаки №1"-и шаҳри Душанбе

Санаи 9 марти соли 2025 дар доираи татбиқи сиёсати ятимпарваранои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо иқдоми президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Хушвахтзода Қобилҷон ба ятимони муассисаи давлатии "Маркази дастгирии оила ва кӯдаки №1"-и шаҳри Душанбе маҳсулоти хӯрока ва тӯҳфаҳо тақдим гардиданд.

Матин Ахмедов, муовини Раиси ташкилоти ибтидоии "Афканишот"-и КИИ "Хирадмандон"-и ҲХДТ аз номи президенти АМИТ маҳсулоти хӯрока ва тӯҳфаҳоро ба ятимон тақдим намуд.

Тақдим намудани маҳсулоти хӯрока ва тӯҳфаҳо ба муассисаи давлатии "Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода"

Дар партави ҳидоятҳои Пешвои миллат ба Муассисаи давлатии "Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода" кӯмак расонида шуд.

Бо муваффақият гузаштани Агентии амнияти ХБРЯ аз аккредитатсияи давлатӣ

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, ҳамчун муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз аккредитатсияи давлатӣ бомуваффақият гузашт. Тибқи қарори ҳайати мушовараи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентӣ расман Шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатиро Т-АД №2771 ба даст овард, ки он шаҳодати сатҳи баланди корҳои илмӣ-таҳқиқотии муассисаро инъикос менамояд.

АГЕНТИИ НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ШАҲОДАТНОМА

дар бораи аккредитатсияи давлатӣ

Т-АД № 0002771

Номи муассиса: Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Шакли ташкилию ҳуқуқӣ: Муассисаи давлатӣ

Суроғаи ҳуқуқӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33

Макони давлатии дорандаи шаҳодатномаи мазкур: Муассисаи давлатии илмӣ-таҳқиқотӣ

Намуди муассисаи илмӣ: Муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ

Асос: қарори чаласаи ҳайати мушовараи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.02.2025, №3/24

Мӯҳлати амали шаҳодатнома: аз 27.02.2025 то 27.02.2030

Санаи додани шаҳодатнома: 18.03.25 **Рақами бақайдгирӣ** 1897

Эҳ: бинобар дар самти илмӣ-таҳқиқотӣ фаъолият намудан зимма дода намешавад.

Раиси Агентӣ Саидзода М.С.

Шаҳодатнома бе замима эътибор надорад

Шанбегӣ дар Маркази минтақавии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Санаи 5 апрели соли 2025 бо мақсади татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва директори Агентӣ ҷиҳати анҷом додани корҳои созандагӣ, ободкорӣ ва сарсабзу хуррам гардонидани гирду атроф бо иштироки кормандон дар Маркази омӯзишӣ ва таълимии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ шанбегӣ баргузор гардид.

Сарфароз гардидани олимони Агентии амнияти ХБРЯ бо дипломҳо аз ҷониби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба муносибати рӯзи илм

Санаи 14 апрели соли 2025 бахшида ба Рӯзи илм дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҷлиси тантанавӣ баргузор гардид.

Дар ҳошияи он Комрон Бобоев, мудири шуъбаи амнияти химиявии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, доктори фалсафа (PhD), барои корҳои илмӣ-тадқиқоти дар мавзуи «Асосҳои технологии коркарди маъданҳои урандори кони «Тоҷикистони шимолӣ-2» ва партовҳои маҳфузгоҳи “Адрасман” бо "Ҷоизаи Академия барои олимони ҷавон дар соли 2024" ва Субҳоналӣ Саторзода бо "Ифтихорномаи Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон" сарфароз гардонида шуданд.

Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба Рӯзи пойтахт

Санаи 22 апрели соли 2025 бахшида ба Рӯзи пойтахт дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ маҷлиси тантанавӣ доир гардид.

Созишномаи ҳамкорӣ байни Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва Маркази саратоншиносии вилояти Суғд

Санаи 30 апрели соли 2025 байни Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва Маркази саратоншиносии вилояти Суғди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими имзои Созишнома дар хусуси ҳамкорӣ дар самти ташхис ва табобати бемориҳои саратон ба имзо расид.

Боздиди хонандагони гимназияи кафолати №63 аз озмоишгоҳи Агентии амнияти ХБРЯ

Бо мақсади ҷалби ҷавонон ба омӯзиши фанҳои дақиқ ва татбиқи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)”, 2 майи соли 2025 хонандагони Гимназияи кафолати №63 аз озмоишгоҳи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ боздид намуданд.

Дар ҷараёни боздид, хонандагон бо фаъолияти озмоишгоҳҳои муосири Агентӣ, ки бо таҷҳизоти пешрафта муҷаҳҳазанд, шинос шуданд.

Шиносой бо фаъолияти Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд

Санаи 5 майи соли 2025 дар доираи сафари кории муовини аввали директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ - Матин Ахмедов бо мақсади шиносой бо тартиби ҳуҷҷатгузорӣ дар раванди фаъолият, ҳолати нигоҳдории бинои маъмурӣ, иҷроиши дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, роҳбарияти Академия ва директори Агентӣ аз бини Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд дидан намуд.



Иқдоми мазкур бо мақсади расонидани кӯмаки амалӣ ба филиалҳои Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба пешбурди фаъолияти оиннномавӣ, тартиби дурусти ҳуҷҷатгузорӣ ва бақайдгирии мактубу аризаҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар филиалҳо ба роҳ монда шуда, мунтазам ва бо навбат аз ҷониби роҳбарияти Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳо амалӣ карда мешавад.

Иштироки кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар роҳпаймоии идона бахшида ба таҷлили Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон

Санаи 21 майи соли 2025 бахшида ба Рӯзи Ҷавонони Тоҷикистон роҳпаймоии осоишта бо иштироки раёсат ва олимони ҷавони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар шаҳраки академӣ баргузор гардид.

Дар чорабинии мазкур кормандони Агентии амнияти ХБРЯ низ иштирок карданд.

Натиҷагирӣ аз фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар нимсолаи аввали соли 2025

Санаи 3 июни соли 2025 дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ оид ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар 6-моҳаи аввали соли 2025 ва нақшаҳо барои давраи минбаъда, ҷаласаи ҷамъбастӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Илҳом Амонзода, директори Агентӣ профессор Илҳом Мирсаидзода, инчунин ходимон ва кормандони ин ниҳод иштирок намуданд.

Сарфароз гардонидани корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо нишони аълочии тандурустӣ

Бо фармоиши Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Ҷамолиддин Абдуллозода, №500 аз 5 августи соли 2025, мудири шуъбаи амнияти биологии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, номзади илмҳои биологӣ Кавракова Зубайда Бурихоновна бо нишони сарисинагии "Аълочии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар арафаи "Рӯзи табибон" сазовор гардонида шуд.

Ифтитоҳи озмоишгоҳи нави харитасозии радиатсионӣ дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Санаи 7 августи соли 2025 дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ маросими тантанавии ифтитоҳи озмоишгоҳи замонавии нави харитасозии радиатсионӣ баргузор гардид.



Дар чорабинӣ президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, ноиби президенти АМИТ, профессор Амонзода Илҳом, директори Агентии амнияти ХБРЯ–и АМИТ, профессор Мирсаидзода Илҳом, ва дигар ҳозирон иштирок намуданд.

Экспедитсия бо мақсади баргузор намудани мониторинги радиатсионӣ дар дараи Уреҷи кӯҳҳои Фон

Аз 7 то 9 августи соли 2025 бо мақсади мониторинг ва арзёбии вазъи радиатсионии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии академики АМИТ Улмас Мирсаидов ва бо иштироки кормандони илмии Агентӣ, сафари экспедитсионӣ ба дараи Уреҷи кӯҳҳои Фон ташкил карда шуд.

Сарфароз гардонидани директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо ордени «Шараф»

Бо Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, №1054 аз 12 августи соли 2025, директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, доктори илмҳои техникӣ, профессор Илҳом Мирсаидзода бо ордени "Шараф" дараҷаи II сарфароз гардонида шуд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12.08.2025 № 105
Мирсаидзода Илҳом
бо ордени Шараф дараҷаи II
сарфароз шудааст
№ 2827
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
№ 711

Баргузории экспедитсияи илмӣ-таҳқиқотӣ бо иштироки намояндагони воситаҳои ахбори омма дар искандаркӯл

Аз 1 то 8 сентябри соли 2025 бо мақсади мониторинг ва арзёбии вазъияти радиатсионии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, профессор Илҳом Мирсаидзода, олимони ҷавони Агентӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма аз шабакаи телевизионии "Сафина", сафари экспедитсионии илмӣ-таҳқиқотӣ ба Искандаркӯл ташкил гардид.

Ба низом даровардани либоси ягонаи нозирони шуъбаи санҷиш ва чораҳои маҷбурсозӣ

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бахшида ба 34-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади таҳкими ҳувияти хизматӣ, баланд бардоштани сатҳи интизоми меҳнатӣ ва фароҳам овардани шинохти фаврӣ, либоси ягонаи хизматиро барои нозирони шуъбаи санҷиш ва чораҳои маҷбурсозӣ ба низом даровард.

Ҷорӣ намудани либоси ягона ба талаботи меъёрӣ ва амалӣ мутобиқ буда, барои таъмини якрангӣ ва намоиши сатҳи баланди омодабошии касбӣ мусоидат менамояд. Либос дорои нишонаҳои хос ва рамзҳои Агентӣ буда, ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ, бахусус дар ҷараёни санҷишҳо ва назорат истифода бурда мешавад.

Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 34-умин солгарди истиқлолияти давлатии ҷумҳурии тоҷикистон

Санаи 10 сентябри соли 2025 дар Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 34-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар чорабинӣ директори Агентӣ, профессор Илҳом Мирсаидзода ва кулли кормандони ниҳоди мазкур иштирок намуданд.

Профессор Илҳом Мирсаидзода ҳозиринро бо ин ҷашни муқаддас самимона табрик гуфта, қайд намуд, ки Истиқлолият барои ҳар як фарзанди тоҷик неъмати бузург аст. Ҳамзамон, ӯ ҷавононро ба баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ даъват карда, таъкид намуд, ки рушди ояндаи Тоҷикистон аз саҳми ҷавонон вобастагии калон дорад.

Корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо шаҳодатномаи хатми курси омӯзишии “Зан – сарвар" қадрдонӣ гардид

Санаи 17 сентябри соли 2025 вохӯрии президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт бо занону бонувони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон курси омӯзишии “Зан – сарвар" сурат гирифт.

Дар курси омӯзишии мазкур, корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, Сайдуллозода Рисолат иштирок намуда, аз номи Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо шаҳодатномаи хатми курси мазкур қадршиносӣ карда шуд.

Иштироки корманди филиали Агентии амнияти ХБРЯ амит-и вилояти Суғд дар озмуни ҷумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат”

Аз 15 то 18 сентябри соли 2025 дар муассисаи давлатии “Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ” даври сеюми Озмуни ҷумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат” баргузор гардид.

Дар Озмун ходими калони илмии филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд – номзади илмҳои техникӣ, Мирзоев Далер Иномҷонович бо мавзӯъи “Масолеҳҳои нави композитӣ аз ашёи хоми маҳаллӣ” дар номинатсияи “Ихтироъкорӣ ва навоварӣ” иштирок намуда, ҷои сеюмро ишғол кард.

Чаласаи ҷамъбастӣ оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар нӯҳ моҳи соли 2025

Санаи 29 сентябри соли 2025 дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ оид ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар нӯҳ моҳи соли 2025 ва нақшаҳо барои давраи минбаъда, ҷаласаи ҷамъбастӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласа ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор Илҳом Амонзода, директори Агентӣ, профессор Илҳом Мирсаидзода, инчунин ходимон ва кормандони ниҳоди мазкур иштирок намуданд.

Сарфароз гардонидани корманди Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, академик Улмас Мирсаидов бо медали «80-солагии саноати атомии Русия»

Дар ҳошияи ҷашни 80-солагии саноати атомии Русия, ки он аз ҷониби Корпоратсияи давлатии энергияи атомӣ «Росатом» ташкил гардида буд, ба академик Улмас Мирсаидов медали «80-солагии саноати атомии Русия» мукофотонида шуд.

Мукофоти мазкур барои саҳми назаррас дар пешбурди илмҳои химия ва технологияҳои он, ҳамзамон ҳамкории самарабахш дар арсаи байналмилалии соҳаи бехатарии радиатсионӣ супорида мешавад.

Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба Рӯзи конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Санаи 5 ноябри соли 2025 дар толори Маркази минтақавии бехатарӣ, амнияти ва кафолати химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ маҷлиси тантанавӣ бахшида ба Рӯзи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки кулли кормандон сурат гирифт.

Дар маҷлиси тантанавӣ, кормандони Агентӣ вобаста ба арзишҳои Конституцсия чун пойдевори давлатдорӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва таъмини амнияти ҷомеа суханронӣ намудаанд.

Чорабинӣ бо муаррифии дастовардҳои илмӣ дар даврони истиқлолият хотима ёфт.

Баргузории дарси кушод дар факултети физикаи Донишгоҳи миллии тоҷикистон

Санаи 11 декабри соли 2025 дар доираи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)" ва дар амал татбиқ сохтани Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030 аз ҷониби кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар факултети физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дарси кушод дар мавзуи «Истифодаи технологияи ҳастаӣ дар тиб» баргузор гардид.

Тамошои дастаҷамъонаи Паёми Президенти ҷумҳурии тоҷикистон

Санаи 16 декабри соли 2025 дар бинои Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид.

Бо мақсади шиносоии амиқ бо муҳтавои Паёми Пешвои миллат ва таҳкими ҳисси худшиносии миллӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва саҳмгузорӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ, кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ Паёми мазкурро тариқи оинаи нилгун ба таври дастаҷамъона тамошо намуданд.

Вохӯрӣ бо мақсади шарҳи нуқтаҳои асосии паёми Пешвои миллат

Санаи 18 декабри соли 2025 дар толори Маркази минтақавии бехатарӣ, амнияти ва кафолати ХБРЯ-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ вохӯрӣ бо мақсади шарҳи нуқтаҳои асосии паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид.

Ҷаласа дар мавзуи “Нуқтаҳои асосии паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд

Санаи 23 декабри соли 2025, дар Филиали Агентии амнияти ХБРЯ АМИТ дар вилояти Суғд, ҷаласа дар мавзуи «Нуқтаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» баргузор гардид.

Ҷаласаи мазкур бо сухани директори Филиал, номзади илмҳои техникӣ К.А.Эрматов оғоз гардид ва кормандон бо маърузаҳои худ суханронӣ намуданд.

Мулоқоти директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бо фармондеҳи қӯшунҳои сарҳадии КДАМ-и ҷумҳурии тоҷикистон

Санаи 23 декабри соли 2025 дар доираи иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати таҳкими сарҳади давлатӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, мулоқоти кории директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, профессор Илҳом Мирсаидзода бо Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенант, Муродалӣ Рачабзода баргузор гардид.

Ҷаласаи ҷамъбастии солонаи фаъолияти Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Санаи 29 декабри соли 2025 дар Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва муҳокимаи нақшаҳо барои соли 2026 баргузор гардид. Дар ҷаласа роҳбарон ва кормандони филиалҳои Агентӣ дар вилоятҳои Хатлон, Суғд ва Бадахшон ба таври маҷозӣ иштирок намуданд.

2. КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ

Натиҷаҳои асосӣ

Дар соли 2025 Агентӣ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии худро аз рӯи се мавзуи илмии нав оғоз намуд:

- “Хусусиятҳои истихроҷи консентрати уран ва дигар компонентҳои арзишнок аз маъданҳо ва партовҳои истеҳсолоти уран дар Тоҷикистон” (ҚД №РБ №0125 TJ1658);

- “Баҳодиҳии радиоэкологӣ ва мониторинги радиатсионӣ дар экосистемаҳо дар мисоли Тоҷикистон (ҚД № РБ №0125 TJ1657)”;

- “Арзёбии хавфи биологӣ ва мониторинги беморихои фаромарзии зоонозӣ дар Тоҷикистон (ҚД № РБ №0125 TJ1656)”.

Мавзуи 1. Хусусиятҳои истихроҷи консентрати уран ва дигар компонентҳои арзишнок аз маъданҳо ва партовҳои истеҳсолоти уран дар Тоҷикистон (Қайди давлатии №РБ №0125 TJ1658, роҳбари лоиҳа д.и.т., профессор Назаров Х.М., 2025-2029).

Дар давраи ҳисоботӣ дар натиҷаи таҳқиқи ин мавзуъ:

- омӯзиши тарзи ҷудо намудани уран, торий ва металлҳои нодирзаминӣ аз таркиби маъдан ва партовҳои уранӣ бо истифода аз технологияи мавҷуд буда оғоз гардад;

- ҳамчун объекти омӯзиш ва коркард маъдани торийдори “Помири Шарқӣ-2” интихоб карда шуд;

- муайян карда шуд, ки коркарди маъданҳои торийдори “Помири Шарқӣ 2” имконпазир мебошад;

- таркиби химиявию минералогии маъданҳои торийдори “Помири Шарқӣ-2” омӯхта шуданд;

- муқаррар карда шуд, ки дар таркиби маъдани торийдор минералҳои торийдор - торит ва торогумит, флогопит, квартс, албит ва миқдори ками тиосулфати стронтсий мавҷуданд. Инчунин муқаррар карда шуд, ки дар таркиби маъдан миқдори муайяни металлҳои нодирзаминӣ мавҷуданд, ки метавон онҳоро аз маъдан ҷудо намуд. Барои муайян кардани таркиби радионуклидии маъдани кони “Помири Шарқӣ-2” гамма-спектрометри Канберра бо детектори нимноқилӣ ва коркарди рақамии «Жени 2000» истифода карда шуд. Таҳлил нишон дод, ки дар таркиби маъдан радионуклидҳои табии қатори уран ва торий ба миқдори зиёд мавҷуданд ва метавонанд коркард шаванд;

- асоснок карда шуд, ки бо назардошти силикатӣ будани маъдан, барои таҷзия ва ҷудокунии торий аз он усули кислотагӣ тавсия карда шуд;

- нишон дода шуд, ки маъдани кони “Помири Шарқӣ-2” ба ҳисоби миёна 0,01 фоизи массаи умумӣ торий дорад;

- озмоиши сорбентҳои маҳаллӣ (ангишти дар ҳарорат коркардшудаи кони Фон-Яғноб ва микрогел) барои ҷудокунии уран аз маҳлулҳои урандори кони “Помири Шарқӣ” дар шароитҳои мувозинатӣ ва динамикӣ гузаронида шуд. Пас аз натиҷагирӣ муайян карда шуд, ки сорбентҳои номбаршуда хусусияти баланди сорбсионӣ дошта, то 90% маҳлулро аз ионҳои уран ҷудо мекунанд.

Ғайр аз ин, барои ба даст овардани ангишти дар ҳарорат коркардшуда, ки ҳамчун сорбенти самаранок барои ҷудокунии уран аз обҳо ва маҳлулҳо истифода мешавад, дастгоҳи худсози озмоишгоҳӣ (реактори термолизи анаэроби) сохта шуд. Дар ин таҷҳизот як қатор ангиштсангҳои Тоҷикистонро бе иштироки оксиген то 450 ^{0}C термолиз намуда, газҳо ва моеъҳои табиии генезисии сорбсияшуда истихроҷ (десорбсия) намуда шуд ва адсорбенти ангишти барои сорбсияи уран аз обҳои чоҳӣ ҳосил карда шуд. Муайян карда шуд, ки ин намуд сорбент, дар низоми собит аз обҳои урандор то 95% уранро ба худ сорбсия карда метавонад. Айни замон корҳои тадқиқотӣ баҳри беҳтар кардани хосияти ин сорбент рафта истодааст, яъне қобилияти дар низоми динамикӣ дар муддати ками вақт ҷабидани уран аз об омӯхта шуда истодааст.

Илова бар ин, хусусияти сорбсионии ангишти дар ҳарорат коркардшуда дар муҳитҳои гуногун (турш, муътадил ва ишқорӣ) санҷида шуд. Муайян карда шуд, ки дар муҳитҳои муътадил ва ишқорӣ ҷаббиши уран нисбат ба муҳити турш якчанд маротиба зиёд мебошад.

Инчунин, параметрҳои кинетикии маъданҳои урандори конҳои Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шуда, вобаста ба онҳо як адад мақола дар мавзуи “Кинетические аспекты урансодержащих руд месторождений Таджикистана” тартиб дода шуд.

Мавзуи 2. Баҳодиҳии радиоэкологӣ ва мониторинги радиатсионӣ дар экосистемаҳо дар мисоли Тоҷикистон (Қайди давлатии № РБ №0125 TJ1657, роҳбари лоиҳа д.и.т. И. Мирсаидзода, 2020-2039)

Дар давраи ҳисоботӣ дар натиҷаи таҳқиқи ин мавзуъ:

- лоиҳаи нақшаи мониторинги давлатии вазъияти радиатсионии Тоҷикистон таҳия карда шуд;

- муқаррар карда шуд, ки самтҳои асосии мониторинги радиатсионии Тоҷикистон, ки бояд ба нақшаи мониторинг ворид карда шаванд, мавзеъҳои бо саноати уранӣ ифлосгардида, радионуклидҳои табиӣ ва сунъи дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, назорати шуоъхӯрӣ аз таъсири радон ва назорати доимии ҳудуди Тоҷикистон дар ҳолати омодагӣ ва садмаҳои радиатсиониро дарбар гиранд;

- як қатор намунаҳои маҳсулоти сохтмонии дар бозорҳои шаҳри Душанбе фурӯхташаванда ва ашёҳои хом барои сохтумон истифодашанда, барои муайянкунии мавҷудияти радионуклидҳо омӯхта шуданд;

- муайян карда шуд, ки дар намунаҳо фаъолнокии Ra-226, K-40 ва Th-232 ба 170,17 Бк/кг, 839,8 Бк/кг ва 108,53 Бк/кг таносубан баробар буда, аз меъёрҳо пасттар мебошанд ва аз нуқтаи назари радиологӣ дар сохтмони биноҳо бе маҳдудият истифода бурдан мумкин аст;

- дар доираи нақшаи экспедитсияҳо мониторинги радиатсионӣ дар партовгоҳи радиоактивии Адарсмон ва мониторинги экситемаи ноҳияи Шамсиддини Шоҳини вилояти Хатлон гузаронида шуданд. Ченкунии фони радиатсионӣ гузаронида шуд ва намунаҳои хок ва об барои таҳлил ба озмоишгоҳ оварда шуданд;

- инчунин, дар ҷойҳои таърихии вилояти Суғд: қасри фарҳангии “Арбоб”-и ноҳияи Б.Ғафуров ва маҷмааи Фарҳангию таърихии “Қалъаи Хуҷанд”, бозори “Панҷшанбе” ва масҷиди “Шайх Маслиҳиддин”-и шаҳри Хуҷанд дар 7 осоишгоҳҳо ва марказҳои табобатии вилояти Суғд, 4 адад дар шаҳри Гулистон – дар Маркази таълимии Бонки Миллӣ, Маркази табобатии солимгардонии “Соҳил”, осоишгоҳҳои “Баҳористон”, “Шифо”, 1 адад дар ноҳияи Ашт – осоишгоҳи “Аксикон”, 1 адад дар шаҳри Исфара – осоишгоҳи “Зумрад” ва 1 адад дар шаҳри Истаравшан – “Осоишгоҳи Ҳавотоғ” мониторинги радиатсионӣ (гирифтани намунаҳо аз об ва хок) гузаронида шуд;

- нишон дода шуд, ки дар ин минтақаҳо ягон нуқтаи аномалии радиатсияаш баланд пайдо нагардид;

- аз 8 то 18 апрели соли дар минтақаҳои ҷамоатҳои Назаршо Додхудоев (деҳаҳои Бар-Рушон, Барзуд, Дерзуд ва Деҳрушон), Муминшо Абдулвосиев (деҳаҳои Шидз, Равшарв, Вознавд, Деҳ ва Хпоз), Бартанг, ҷамоатҳои Басид (деҳаҳои Басид, Бардара, Ҷадуд, Ачирх ва Дорж), Пастхуф (Деҳаҳои Пастхуф, Бачув, Барде, Дерде ва Пастбачув), маркази Рушон, Савноб (деҳаҳои Савноб, Барчадев, Кудара, Нисур, Пасор, Рошорв, Рухч ва Япшорв)-и ноҳияи Рушони Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон мониторинги радиатсионӣ гузаронида шуд. Аз ин минтақаҳо аз обҳои ошомиданӣ, дарёҳо ва чашмаҳо, заминҳои корам намунаҳои об ва хок барои таҳлили радионуклидӣ гирифта шуданд;



Харитаи радиоэкологии деҳаи Рушон

- муқарар карда шуд, ки сатҳи тавоноии доза дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишини мазкур аз 0,20 то 0,26 мкЗв/соат-ро ташкил дода, аз ҳудуди ҷоизии муқараркардаи «Меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ» (МБР-06) зиёд нест;

- маводҳо барои таҳияи харитаи радиатсионии ин минтақаҳо омода карда шуданд.

Дар доираи экспедитсияҳои ба нақша гирифташуда рузҳои 1 то 4 июли соли ҷорӣ дар ҳудуди ноҳияҳои Шаҳритус мониторинги радиатсионӣ гузаронида шуд. Дар ин минтақа мониторинги радиатсионии маркази ноҳия шаҳраки Шаҳритус, ҷамоатҳои Обшорон, Пахтаобод, Талбак Садриддинов, Худойназар Холматов ва Ҷӯра Назаров гузаронида шуд. Ғайр аз ин, корҳои тадқиқоти

дар мавзеъҳои таърихию сайёҳии “Тахти сангин” ва “Чилу чор чашма” гузаронида шуданд.



Нуқтаҳои ченкунии фони радиатсионӣ дар «Тахти сангин»

Нуқтаҳои ченкунии фони радиатсионӣ дар “Чилу чор чашма”

Аз минтақаҳои дар рафти экспедитсия ташрифоварда намунаҳои хок ва об барои муайян кардани таркиби онҳо ба мавҷудияти радионуклиҳои табиӣ гирифта шуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои гирифташуда дар озмоишгоҳи харитасозии Агентӣ харитаҳои радиологии ин минтақаҳо тартиб дода мешаванд.

Ҳамин тариқ тибқи нақша дар нӯҳмоҳаи соли 2025 аз 21 то 25 июл барои гузаронидани корҳои омӯзишии навбатӣ бо роҳбарии Ахмедов М. ба шаҳри Истиқлоли ноҳияи Суғд ва аз 11 то 15 августи соли ҷорӣ дар ҳудуди ноҳияҳои Мӯминобод мониторинги радиатсионӣ бо роҳбарии Баротов Б. гузаронида шуданд. Аз минтақаҳои дар рафти экспедитсия ташрифоварда намунаҳои хок ва об барои муайян кардани таркиби онҳо ба мавҷудияти радионуклиҳои табиӣ гирифташуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои гирифташуда дар озмоишгоҳи харитасозии Агентӣ харитаҳои радиологии ин минтақаҳо тартиб дода мешаванд.

Тибқи нақшаи экспедитсияҳои Агентӣ дар соли ҷорӣ аз 7 то 9 августи соли 2025 бо мақсади мониторинг ва арзёбии вазъи радиатсионии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии академики АМИТ Улмас Мирсаидов ва бо иштироки кормандони илмии Агентӣ сафари экспедитсионӣ ба дараи Уреҷи кӯҳҳои Фон ташкил карда шуд. Кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ҳолати кунунӣ ва вазъи радиатсионии пойгоҳи кӯҳнавардию сайёҳии «Артуч», “Кули Чукурак”, “Кули Калон” ва ёдгориҳои таърихии “Мақбараи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”-ро бо истифода аз усулҳои пешбинигардида ва таҷҳизотҳои наву замонавӣ, барои муайянкунӣ ва таҳияи харитаи радиатсионӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор доданд. Аз минтақаҳои тадқиқотшаванда барои муайян кардани мавҷудияти радионуклидҳо намунаҳои об ва хок гирифта шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ экспедитсияи илмӣ-таҳқиқотӣ бо иштироки намояндагони воситаҳои ахбори омма дар Искандаркӯл ташкил карда шуд. Дар рафти экспедитсия мониторинги радиатсионии минтақаи назди Искандаркӯл гузаронида шуд, намунаҳои об ва хок аз ин минтақа гирифта шуданд ва дар озмоишгоҳ вобаста ба дороии радионуклидӣ таҳлул гузаронида шуд. Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки минтақа аз ҷиҳати радиатсионӣ бехатар буда, миқдори радионуклидҳо аз меъёр зиёд намебошанд.

Моҳи октябри соли 2025 дар маҳфузгоҳҳои радиоактивии Адрасмон ва Деҳмой мониторинги радиатсионӣ идома дода шуд. Натиҷаҳои мониторинг барои гузаронидани корҳои солимгардони истифода хоҳанд шуд.

Мавзуи 3. Арзёбии хавфи биологӣ ва мониторинги беморихои фаромарзии зоонозӣ дар Тоҷикистон» (Қайди давлатии № РБ №0125 TJ1656, роҳбари лоиҳа н.и.х. М.Ахмедов, 2020-2039)

Дар давраи ҳисоботӣ дар натиҷаи таҳқиқи ин мавзуъ:

- хусусиятҳои муосири эпизоотологию эпидемиологӣ ва вазъи беморихои афзалиятноки зоонозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (COVID-19, зукоми парранда, салмонеллёз, пастереллёз, брутселлёз ва сили чорвои калони шохдор ва ҳайвоноти майда омӯхта шуд;

- ҷамъоварӣ, таҳлили ретроспективии маълумот барои 5 сол ва коркарди статистикии онҳо оғоз гардид. Дар ин ҷода аз ҷониби кормандони вобасташуда, маълумотҳои ба даст омада коркарди статистикӣ гузаронида шуд ва натиҷаҳои он дар ҷадвали 1 оварда шудааст. Чуноне аз ҷадвал бар меояд, нишондодҳои беморихои сироятӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст;

- таҳлилҳои молекуляри генетикии ташхиси BRCA 1-2 бо усули РЗП (ПЦР) гузаронида шуд;

- дар ҳамкорӣ бо Институти ветеринарияи тиббии Академияи илмҳои кишоварзӣ намунаҳо барои муайян намудани бемории брутселлёзи чорвои майдаи шохдор дастрас ва аз ташхис гузаронида шуданд;

- дар якҷоягӣ бо мутахассисони Институти ветеринарияи тиббии АИК ташхисҳои иммуноферментии намунаи маводҳои биологӣ аз чорвои майда (гусфанд), ки ба озмоишгоҳ дастрас шуда, барои муайян намудани бемории “Ящур” ташхисҳо гузаронида шуд. Бояд қайд кард, ки намунаҳои зардобаи хуни чорвои майда пас аз эмгузаронӣ гирифта шудааст, ки аз 4 намунаи таҳлилшуда титраш баланд буда, таҳлилҳо ҳамчун мусбат тасдиқ шуд;

Ҷадвали 1

Нишондоди беморихои сироятӣ дар солҳои 2020-2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

	2020				2021				2022				2023			
	Дигар сироятҳои салмонелёзӣ	Брутселлёз	Ковид-19	Сил	Дигар сироятҳои салмонелёзӣ	Брутселлёз	Ковид-19	Сил	Дигар сироятҳои салмонелёзӣ	Брутселлёз	Ковид-19	Сил	Дигар сироятҳои салмонелёзӣ	Брутселлёз	Ковид-19	Сил
Ҷумҳурӣ		373	82 059	3 758		521	5 003	3 787	6	517	281	3 924		613		4 040
Душанбе		23	18 372	419		23	1 703	453	1	17	101	477		30		492
ШНТҶ		182	9 108	920		204	630	865	5	175	30	829		206		859
Суғд		34	18 566	727		61	1 668	774		92	110	776		201		783
Хатлон		32	31 401	1 552		60	648	1 548		62	28	1 694		61		1 741
ВМКБ		102	4 612	140		173	354	147		171	12	148		115		165

- ташхисҳо барои муайян намудани бемории брутселлёзи ҳайвонот бо усули иммунологӣ (реаксияи гемагглютинатсияи Райт) – аз 16 намунаи зардоби хуни ҳайвоноти майдаи шохдори ба озмоишгоҳ дастрас гардид. Натиҷаи мусбӣ дар 7 намунаи муайян карда шуд, ки мутаносибан 44,4% ташкил медиҳад. Тавассути реаксияи гемагглютинатсияи Хеддлсон – барои ба тариқи фаврӣ муайян кардани антителаҳо ба брутселла пас аз эмгузаронӣ, ба ташхисгоҳ зардоби хуни 9 ҳайвони майдаи шохдор дастрас карда шуд. Натиҷаи таҳлилҳо 1:100 ва 1:200 мусбӣ арзёбӣ гардидаанд, ки дар расм оварда шудаст. Тибқи натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда метавон хулоса намуд, ки пас аз эмгузаронӣ бар зидди брутселлёз сатҳи масъунияти бадани онҳо ба муқобили ин беморӣ баланд гардидааст ва дар холати хуруҷи ин беморӣ онҳоро эмин нигоҳ медорад ва ё дар сурати сироятёбӣ беморӣ сабук мегузарад.

Ҷадвали 2

Нишондоди бемориҳои зоонозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023 (дар 100 ҳаз. аҳолӣ)

	Брутселлёз					Салмонеллёз				
Солҳо	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
ВМБК	99,2	44,3	77,5	74,0	49,4	861,4	642,6	276,5	305,6	291,7
ш. Душанбе	2,7	1,8	1,9	1,4	2,4	73,1	20,2	42,1	50,2	65,8
НТМ	19,9	8,3	9,8	8,2	9,5	1516,1	802,9	806,8	776,0	552,2
Суғд	1,7	1,2	2,2	3,2	6,9	130,5	66,8	87,5	71,1	65,5
Хатлон	1,7	1,0	1,7	1,7	1,7	119,5	80,8	59,3	53,4	54,2



Натиҷаи санҷиши иммуноферментӣ

Ғайр аз ин аз рӯи маълумотҳои ҷамъоварда бемории брутселлёз ва салмонеллёз дар 100 ҳазор аҳоли ҳисоб карда шуд, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Мутобиқи маълумоти пешниҳодгардидаи омори расмӣ таҳлили ретроспективии вазъи бемории брутселлёз ва бемориҳои дарунравӣ (салмонеллёз) гузаронида шуда, хусусиятҳои эпидемиологӣ ва эпизоотологии паҳншавии ин бемориҳо вобаста аз гурӯҳҳои синнусолӣ ва сатҳи рушди инфрасохтор, фарҳанги санитариву гигиении аҳолӣ, назорати ветеринарӣ ва фитосанитарӣ, назорати эпидемиологӣ ва эпизоотологӣ вобаста ба шароити иҷтимоиву иқтисодии фаъол гардидани равандҳои эпидемикӣ ва эпизоотикӣ дар шароити нави гузариш ба хоҷагидории хусусӣ муайян карда шудаанд. Дар хулоса оид ба паст намудани сатҳи бемориҳо, беҳтар намудани мониторинг дар манбаъҳои эпизоотологӣ ва эпидемиологии сироят, чиҳати таъмини амнияти биологӣ тадбирҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Нашри корҳои илмӣ

Дар давраи ҳисоботӣ монографияи Мирсаидзода И. (И.У. Мирсаидов), Баротов Б.Б., Хамидов Ф.А., Бобоёров М.Д. дар мавзуи «Термодинамическая оценка

разложения урановых руд и отходов и термодинамические характеристики уран-ториевых соединений» омода гардида, барои чоп пешниҳод карда шуд. Илова бар ин, як монография “Радиологическая ситуация исторических и туристических мест Таджикистана” омода карда шуда истодааст.

Инчунин, дар умум 127 мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи мақолаҳо, аз ҷумла, 55 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ҷумҳуриявӣ (РИНЦ, КОА ПҶТ) ва 63 мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи мақолаҳо дар конференсияиҳои байналмилалӣ ба чоп расиданд, аз ҷумла 4 дар маҷалаҳои хориҷӣ кишвар (SCOPUS, Google Score). Илова бар ин, зиёда аз 72 мақолаи оммавӣ ва илмӣ-оммавӣ ба чоп расиданд.

Татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар истеҳсолот

Дар давраи ҳисоботӣ Агентӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Вазорати тандурурстӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ баҳри татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ фаъолона ҳамкорӣ намуда истодааст. Яке аз ихтирооти Агентӣ вобаста ба тозакунии обҳои урандор дар нуқтаи обтозакунии КВД “Фулузоти нодири Тоҷикистон” татбиқ карда шуда истодааст. Ихтирооти дигар вобаста ба маводҳои композитсионӣ барои муҳофизат аз радиатсия дар ҳуҷраҳои рентгении муассисаҳои тандурустии кишвар татбиқ карда шуда истодаанд.

Татбиқи натиҷаҳо дар хоҷагии халқ. Дар давраи ҳисоботӣ барои пешбурди низоми иҷозатномадиҳӣ талаботи Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 апрели соли 2007, № 172 тасдиқ шудааст, барои гирифтани иҷозатнома ба фаъолияти вобаста ба истифодаи МАИ ва воридоти он дар соли ҷорӣ дар маҷмӯъ 90 ариза, аз ҷумла барои истифодаи МАИ ва инчунин барои воридот, аз аризадиҳандагон ворид ва баррасӣ гардид. Аз ин шумора, аз рӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ба 69 муассиса барои истифодаи МАИ ва ба 21 муассиса барои воридоти манбаъҳои афканишоти ионофар иҷозатнома дода шуд. Бо сабаби пурра набудани ҳуҷҷатҳо 12 муроҷиат бозпас ва айни ҳол дар марҳилаи баррасӣ қарор доранд. Дар ин давра ба маблағи 48000 сомонӣ аз ҳисоби додани иҷозатномаҳо ба буҷети давлатӣ ворид карда шудааст.

Дар ин давраи ҳисоботи аз ҷониби озмоишгоҳҳои Агентӣ беш аз 13 намуна дар дефрактометр, беш аз 250 намуна дар асбоби рентгенофлюоросентӣ ва беш 9 намуна дар дериватограф таҳлил карда шуданд.

Инчунин дар давоми соли 2025 ба воситаи асбоби спектроскан “Макс GVM”, 75 намуна аз филиали Агентӣ дар Суғд, 165 намуна аз КВД «ЭИГАР» (Геологияи тоҷик), 2 намуна аз Агентии баналмиллалии нерӯи атомӣ, 3 намуна аз Помир, таҳлилҳои элементҳои камёфт ва паҳнгашта гузаронида шуд. Ҳамаи намунаҳои қайдгардида, дар шакли хок ба озмоишгоҳ дастрас гардиданд.

Омода кардани кадрҳои сатҳи баланди илм

а) Ҳимояи рисолаҳои докторӣ, номзадӣ, доктор PhD

Дар давраи ҳисоботӣ дар Агентӣ дар зинаи магистратура аз рӯи ихтисоси "Радиоэкология ИМ-33.01.03" 4 нафар магистрант хатм ва 4 магистрант қабул гардиданд. Дар зинаи PhD – докторантро аз рӯи ихтисоси «ТНВ- 6D072000» 3 нафар таҳсил доранд ва дар давраи ҳисоботи ду нафар докторанти PhD бо ихтисоси "Радиоэкология ИМ-33.01.03" қабул карда шуд.

Магистрантҳо ва докторантҳои PhD таҷрибаомӯзӣ ва имтиҳонҳоро тибқи нақшаи таълимӣ супориданд.

Санаи 14 майи соли 2025 дар доираи ҳамкориҳои илмӣ байни ниҳодҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо донишгоҳҳои олии кишвар бо мақсади ҷалби ҷавонон ба илм, аз ҷумла, идома додани таҳсил дар зинаи магистратура ва докторантура, як гурӯҳ донишҷӯёни курсҳои 2, 3 ва 4-и факултетҳои “Гидрогеология ва Геологияи муҳандисӣ”, “Биология”, “Физика” ва “Химия”-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз Муассисаи давлатии “Маркази омӯзиши пирояҳҳо” ва Маркази минтақавии бехатарӣ, амнияти ва кафолати ХБРЯ-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ боздид намуда, бо фаъолияти

озмоишгоҳҳо ва пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ шинос шуданд.

Ҳамзамон, дар давраи ҳисоботӣ 3 нафар бо тасдиқи мавзуи илмӣ ва роҳбари илмӣ барои дарёфти унвони номзадӣ ва 1 нафар барои унвони докторӣ ҳамчун унвонҷу дар Агентӣ қабул гардиданд ва шумораи унвонҷуён айни ҳол 9 нафаро ташкил медиҳад.

Корманди Агентӣ – Баҳронов Соҷидхон, ки соли 2024 рисолаи номзадии худро дифоъ намуда буд, бо қарори КОА ПҶТ соҳиби дипломи номзади илмҳои техникӣ гардид.

Дар давраи ҳисоботии соли 2025 3 нафар корманди Агентӣ таҳти роҳбарии академики АМИТ, Мирсаидов Улмас ҳимояи рисолаи номзади намуданд: Сатторзода Субҳоналӣ дар мавзуи “Ҷанбаҳои физикавию химиявӣ ва технологии коркарди маҳсулоти иловагии истеҳсоли кислоти фторид бо истифодаи маъданҳои гилхоқдории Тоҷикистон” , Эшов Ҷурамурод дар мавзуи "Синтез, хосиятҳои термикӣ ва термодинамикии пайвастагиҳои торий-уранӣ" ва Ғафорзода Сулаймон дар мавзуи "Асосҳои технологии коркарди маъданҳои алюмосликати Тоҷикистон бо усулҳои кислотагӣ ва гудозиш”.

б) Фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии назди муассиса

Шӯрои диссертатсионии муштараки 6D.КОА-042 дар назди Институти химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ ва Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ аз 05 апрели соли 2022 аз рӯйи ихтисосҳои зерин фаъолият карда истодааст:

- 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ (6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ)

- 6D060600 – Химия (6D060601 - Химияи ғайриорганикӣ (соҳаи илмҳои техникӣ)).

Дар давраи ҳисоботӣ дар шӯро 20 ҷаласа гузаронида шуд. Нисбати ҷаласаҳои гузаронидашуда протоколҳо тартиб дода шудаанд. Дар ин давра дар кори шуро 6 рисолаи илми баррасӣ ва ҳимоя гардид.

Руйхати кормандони муассисаҳои зертобеи АМИТ, ки диссертатсияашонро дар Шурои ҳисоботдеҳ ҳимоя намудаанд:

№	Ному насаб	Аз кадом муассиса	Ихтисоси рисола
1	Эмомов Баҳром Файзуллоевич	Унвонҷуи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ	
2	Сатторзода Субҳонали Абдуғафор	Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ	
3	Эшов Ҷурамурод Нурмуродович	Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ	
4	Акрамзода Рустами Ҷурахон	Институти химияи ба номи В.И.Никитин	
5	Давлатов Абдураҳмон Сайраҳмонович	Институти химияи ба номи В.И.Никитин	
6	Ғафорзода Сулаймони Мусулмон	Институти химияи ба номи В.И.Никитин	05.17.00. – Технологияи химиявӣ (05.17.01. – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ) ва 02.00.00 – Химия (02.00.01 - Химияи ғайриорганикӣ) (соҳаи илмҳои техникӣ)

3. ҲАМКОРИҲОИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Иштироки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии АБНА вобаста ба масъалаҳои аккредитатсияи байналмилалии марказҳои минтақавӣ

Аз 20 то 23 январи соли 2025 дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия аз ҷониби Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) чорабинӣ вобаста ба масъалаҳои аккредитатсияи байналмилалии марказҳои минтақавӣ баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур аз ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ Илҳом Мирсаидзода ва намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафар Сафарализода иштирок намуданд.

Ҳадафи асосии чорабинии мазкур аз мубодилаи таҷриба ва муҳокимаи равишҳои байналмилалӣ дар самти аккредитатсияи байналмилалии марказҳои минтақавӣ, ки бо дастгирии АБНА фаъолият мекунанд, иборат буд.

Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ-и АМИТ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, мақоми Маркази минтақавиро барои давлатҳои Осиёи Марказӣ расман сазовор шуд

Санаи 23 январи соли 2025 дар қароргоҳи Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА), дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия маросими тантанавии супоридани лавҳа ба Маркази минтақавии Тоҷикистон барои давлатҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид, ки он сатҳи баланди мутобиқати Маркази минтақавии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрои (ХБРЯ)-ро ба талаботҳои АБНА инъикос менамояд. Дар асоси ин аккредитатсия, Марказ расман мақоми Маркази минтақавиро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ сазовор шуд.

Маросими расмии супоридани дастгоҳи замонавии рентгени рақамӣ ба Маркази саратоншиносии вилояти Суғд

Санаи 15 феврали соли 2025 дар Маркази саратоншиносии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд маросими расмии супоридани дастгоҳи замонавии ташхиси рентгении рақамӣ (Digital x-ray) баргузор гардид. Дастгоҳи мазкур бо дастгирии бевоситаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, ки ҳамчун ҳамоҳангсозии миллии Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) дар Тоҷикистон аст, тақдим гардид.

Маросими расмии супоридани таҷҳизоти муосири рентгени рақамӣ ба Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ

Санаи 19 феврали соли 2025 дар Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими расмии тақдими дастгоҳи муосири ташхиси рентгении рақамӣ (Digital x-ray) баргузор гардид. Ин дастгоҳ бо мусоидати Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, ки ҳамоҳангсозии миллии Агентии

байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) дар Тоҷикистон мебошад, пешниҳод карда шуд.



Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва арзёбии илмии равандҳои криосфера”

Санаи 27 феврали соли 2025 бо ташаббуси Маркази омӯзиши пиряхҳои дар ҳамкорӣ бо Агентии амнияти ХБРЯ ва Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ дар мавзуи “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва арзёбии илмии равандҳои криосфера” баргузор гардид.

Дар кори конфронс ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Илҳом Амонзода, роҳбарони як қатор муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла, директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ Илҳом Мирсаидзода, директори Маркази омӯзиши пиряхҳо Назриало Шерализода, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо Рустам Ҳайдарзода ва ходимону олимони ҷавони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Шиносоии директори Маркази байналмилалии илмӣ-техникӣ (МБИТ) бо фаъолияти Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ

Санаи 26 феврали соли 2025 Карина Ангелиева, директори Маркази байналмилалии илмӣ-техникӣ (МБИТ) дар ҳошияи сафар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ боздид намуда, бо фаъолияти он аз наздик шинос шуд. Зимни боздид директори МБИТ бо технология ва таҷҳизотҳои муосир, ки аз ҷониби МБИТ ба Маркази минтақавӣ тақдим гардида буд, шиносои пайдо намуд.

Дар рафти вохӯрӣ директори МБИТ бо директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, профессор Илҳом Мирсаидзода оид ба дурнамои ҳамкориҳои минбаъда, аз ҷумла таҳқиқоти муштарак, табодули таҷриба ва татбиқи технологияҳои пешқадам дар соҳаи илм ва истеҳсолотро баррасӣ намуданд.

Аудити АБНА

Аз 24 то 28 феврали соли 2025, ҳайати намояндагони Агентии байналмилалии неруи атомӣ (АБНА) дар доираи барномаи аудити байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Ҳадафи ин сафар санҷиши фаъолияти муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, ки бо таҷҳизоти радиатсионӣ ва технологияҳои ядроӣ кор мекунанд, инчунин арзёбии риояи меъёрҳои амнияти радиатсионӣ дар ин муассисаҳо мебошад.

Дар идомаи сафар вохӯрӣ бо намояндагони ҳамоҳангсози миллӣ – Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ баргузор гардид. Дар ин мулоқот директори Агентӣ, профессор Илҳом Мирсаидзода ва дигар масъулон иштирок намуда, масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои минбаъда, таъмини амнияти радиатсионӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо АБНА-ро баррасӣ карданд.

Намояндагони АБНА аз ҷараёни корҳои анҷомшуда изҳори қаноатмандӣ карда, таъкид намуданд, ки Тоҷикистон дар самти истифодаи бехатар ва самараноки технологияҳои радиатсионӣ пешрафтҳои назаррас дорад.

Маросими расмии тақдимоти дастгоҳҳои замонавии рентгени рақамӣ дар Маркази саратоншиносии шаҳри Кӯлоб

Санаи 1 марти соли 2025 дар Муассисаи давлатии "Маркази саратоншиносии шаҳри Кӯлоб"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими расмии тақдими дастгоҳи муосири ташхиси рентгении рақамӣ ва маммографияи замонавӣ баргузор гардид. Дастгоҳҳои мазкур бо кӯмаки бевоситаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, ки ҳамоҳангсозии миллии Агентии байналмилалии неруи атомӣ (АБНА) дар Тоҷикистон мебошад, тақдим гардид.

Дар маросими тантанавӣ муовини аввали директор, Матин Ахмедов ва мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеа, Олимҷон Азизов ба ҳайси ёрдамчиёни ҳамоҳангсози миллии АБНА иштирок намуданд. Ҳамчунин, директори Маркази саратоншиносии шаҳри Кӯлоб, Ҳамза Мирзоев, мудири шуъбаи ташхисӣ, Навруз Холматов ва дигар мутахассисони касбии маркази мазкур дар ин чорабинӣ ҳузур доштанд.

Иштроки намояндаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар ҷаласаи машваратии Маркази байналмилалии илмӣ-техникӣ

Аз 3 то 5 марти соли 2025 дар шаҳри Алматои Ҷумҳурии Қазоқистон вохӯрии машваратии Маркази байналмилалии илмӣ-техникӣ (МБИТ) оид ба татбиқи лоиҳаи минтақавӣ зери унвони «Системаи мониторинги обии радиоактивӣ ва металлҳои вазнин дар Осиёи Марказӣ» баргузор гардид.

Дар вохӯрии мазкур масъулони мониторинги радиатсионии кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва коршиносони МБИТ иштирок намуда, ҷузъиёти татбиқи лоиҳаро барои кишварҳои зикргардида муҳокима намуданд.

Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ бенефисиари лоиҳаи мазкур буда, дар ҷаласаи мазкур аз ҷониби муовини директор, Бахтиёр Баротов намояндагӣ карда шуд.

Семинари минтақавӣ дар мавзуи “Барқароркунии манбаъҳои энергия бо истифода аз технологияҳои ҳастаӣ”

Санаи 7 апрели соли 2025 дар доираи баргузории «Даҳаи илми академии тоҷик» дар шаҳри Душанбе семинари илмии минтақавӣ дар мавзуи “Барқароркунии манбаъҳои энергия бо истифода аз технологияҳои ҳастаӣ” оғоз гардид, ки он то 11 апрели соли 2025 идома ёфт.

Семинари мазкур дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) ташкил шуда, ба масъалаҳои ҳамгироии истифодабарии технологияҳои ҳастаӣ дар энергияи офтоб, шамол ва гидроэнергия, ҳамзамон омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ вабаста ба истифодабарии нерӯгоҳҳои ҳастаӣ бахшида шудааст.

Конфронси байналмилалӣ оид ба истифодаи технологияҳои ҳастаӣ ва бехатарии радиатсионӣ

Аз 22 то 24 апрели соли 2025 дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар ҳамкорӣ бо “Иттифоқи байналмилалии собиқадорони энергияи атомӣ ва саноат”, таҳти унвони «Дурнамои истифодаи технологияҳои ҳастаӣ ва мушкилоти бехатарии радиатсионӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» конференсияи байналмилалӣ баргузор гардид.

Мулоқот бо намояндаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ

Санаи 1 майи соли 2025 мулоқоти президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ва директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, профессор Мирсаидзода Илҳом бо намояндаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ (АБНА), хонум Сандра Стейскаль Мари баргузор гардид.

Вохӯрии донорҳо баҳри муҷаҳҳаз гардонидани марказҳои саратоншиносӣ бо технологияи муосир ва омодасозии мутахассисони касбӣ

Санаи 2 майи соли 2025 дар Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, ки ҳамоҳангсози миллии Агентии байналмилалии неруи атомӣ (АБНА) мебошад, дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вохӯрии донорҳо бо иштироки шарикони рушд баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, намояндагони АБНА иштирок ва суханронӣ намуданд.

Намоиши дастовардҳои кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар Форуми XVIII зиёиёни эҷодкор ва олимони кишварҳои иштирокдори идм

Санаи 14 майи соли 2025 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон Форуми XVIII зиёиёни эҷодкор ва олимони кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба кори худ оғоз намуд. Форуми мазкур бо ташаббуси Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва бунёди байнидавлатии ҳамкории башардӯстонаи кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил зери унвони «Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил: уфуқҳои нави ҳамкорӣ» баргузор шуда, зиёиён, ходимони илм, фарҳанг, маориф ва воситаҳои ахбори оммаро муттаҳид менамояд.

И штирок ва баромади кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар чорабинии канорӣ дар ҳошияи конфронси байналмилалӣ сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо

Аз 29 то 31 майи соли 2025 дар меҳмонхонаи "Сирена" чорабинии канорӣ дар ҳошияи Конфронси байналмилалӣ сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор гардид, ки дар он директор ва кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ низ ширкат варзиданд.

Боздиди ҳайати мутахассисони самти бехатарии радиатсионӣ ва муҳити экологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз фаъолияти озмоишгоҳ ва маркази матбуоти Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар вилояти Суғд

Санаи 17 июли соли 2025 дар доираи таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ, ки пас аз ташрифи сарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон сурат гирифта буд, ҳайати мутахассисони самти бехатарии радиатсионӣ ва муҳити экологии кишварҳои мазкур бо мақсади шиносоӣ бо фаъолияти Озмоишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва Маркази матбуоти Филиали Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд боздид намуданд.

Ҷорӣ намудани низоми муосири бойгонӣ ва интиқоли аксҳои рентгенӣ (PACS) дар марказҳои саратоншиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз ҷониби мутахассисони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар якҷоягӣ бо кормандони муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марказҳои саратоншиносии шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Кӯлоб низоми бойгонӣ ва интиқоли аксҳои рентгенӣ (Picture Archiving and Communication System, PACS) бомуваффақият насб гардида, мавриди истифода қарор дода шуд.



Низоми мазкур имкон медиҳад, ки аксҳои рентгении тиббӣ, аз қабили ултрасадо, томографияи компютерӣ ва дигар ташхисҳои рентгениро бо сифати баланд бойгонӣ намуда, дастрасӣ, мубодила ва интиқоли онҳо таъмин гардад ва ин раванд ба ташхиси саривақтӣ ва дақиқи беморихои саратон мусоидат менамояд.

Аввалин чорабинии минтақавӣ дар Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Аз 1 то 5 сентябри соли 2025 дар Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, баъд аз ба даст овардани мавқеи байналмилалӣ, ки аттестатсияи он аз ҷониби Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) баргузор карда шуд, аввалин чоранибии минтақавӣ баргузор гардид.

Дар чорабинии мазкур, намояндагон аз давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқози

Ҷанубӣ, аз ҷумла Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон, Арманистон, Озарбойҷон ва Гурҷистон иштирок карданд.

Иштироки олимони тоҷик дар 69-умин ҷаласаи Конфронси генералии Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ

Аз 15 то 19 сентябри соли 2025 дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия 69-умин ҷаласаи Конфронси генералии Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) баргузор гардид ва дар он директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, профессор Илҳом Мирсаидзода иштирок намуд.

Мулоқоти ҳайати Тоҷикистон бо намояндагони шуъбаи кафолатҳои АБНА

Санаи 16 сентябри соли 2025 дар ҳошияи 69-умин ҷаласаи Конфронси генералии Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) мулоқоти байни ҳайати Тоҷикистон ва намояндагон аз шуъбаи кафолатҳои АБНА сурат гирифт. Дар ҷаласаи мазкур директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, профессор Илҳом Мирсаидзода ва муовини вазири саноат ва технологияҳои нав, Азиз Назар иштирок намуданд.



Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои вобаста ба санҷиши муассисаҳое, ки дар фаъолияти худ маводҳои ядрӣ ва радиоактивӣ истифода мебаранд, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Баргузории консерти байналмилалии "Шоми дӯстӣ" дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия

Санаи 17 сентябри соли 2025 бахшида ба 34-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори консертии "Эрбар Саал"-и шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия консерти байналмилалии "Шоми дӯстӣ" баргузор гардид.

Чорабинӣ бо иқдоми Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Австрия ва аз ҷониби Оркестри давлатии симфонии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардид.

Вохӯрии олимони тоҷик бо директори генералии агентии байналмилалии нерӯи атомӣ

Санаи 18 сентябри соли 2025 дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия вохӯрии муовини Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Азиз Назар ва директори Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, профессор Илҳом Мирсаидзода бо Директори генералии Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА), Рафаэл Мариано Гросси баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва АБНА-ро баррасӣ намуданд, аз ҷумла: рушди ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи осоиштаи энергияи атомӣ, таъмини амнияти радиатсионӣ, идоракунии партовҳои радиоактивӣ ва татбиқи лоиҳаҳои миллӣ дар доираи барномаҳои ҳамкории техникӣ.

Директори генералии АБНА, Рафаэл Мариано Гросси нақши фаъолонаи Ҷумуҳурии Тоҷикистонро дар ташаббусҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ оид ба таҳкими амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ баланд арзёбӣ намуда, омодагии АБНА-ро ҷиҳати идомаи дастгирии лоиҳаҳои миллӣ изҳор дошт.

Баимзорасонии санад вобаста ба маблағгузории лоиҳаҳои нави АБНА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2027

Санаи 18 сентябри соли 2025 маросими баимзорасонии санад вобаста ба маблағгузории чор лоиҳаи миллии нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Давраи ҳамкории техникӣ бо Агентии Байналмилалии Неруи Атоми (АБНА) барои солҳои 2026–2027 баргузор гардид.

Ворид гардидани аввалин таҷҳизоти брахитерапия ба Маркази саратоншиносии вилояти Суғд бо мусоидати Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Дар доираи татбиқи лоиҳаи миллии Агентии байналмилалии неруи атомӣ (АБНА) ва бо мусоидати Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ба Маркази саратоншиносии вилояти Суғд таҷҳизот барои табобати нурии саратони гарданаки бачадон (брахитерапия) ворид гардид.

Нишасти навбатии платформаи шарикӣ дар қароргоҳи Дафтари барномаҳои Созмони амният ва ҳамкории Аврупо

Санаи 2 октябри соли 2025 дар қароргоҳи Дафтари барномаҳои Созмони амният ва ҳамкории Аврупо (САҲА) дар шаҳри Душанбе нишасти навбатии Платформаи шарикии бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдори кишвар сурат гирифт.

Дар чорабинии мазкур мудири шуъбаи менеҷмент, муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеаи Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, Олимҷон Азизов иштирок намуда вобаста ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар самти бехатарии радиатсионӣ ва ҳалли мушкилот вобаста ба партовҳои радиоактивӣ дар вилояти Суғд суханронӣ намуд.

Ворид гардидани таҷҳизот ва лавозимоти озмоишӣ ба Маркази омӯзиши пиряхҳои амит бо мусоидати Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Дар асоси супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қабули Маҷмаи Умумии СММ қатънома таҳти унвони “Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, 2025-2034”, ки ба ҳифзи пиряхҳо, таъмини амнияти обӣ ва мубориза бо тағйирёбии иқлим равона шудаанд, ба Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» таҷҳизот ва лавозимоти озмоишӣ дар доираи татбиқи лоиҳаи миллии Агентии байналмилалии неруи атомӣ (АБНА) ва бо мусоидати Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ворид гардид.

Таҷҳизоти ворид гардида барои пешрафти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, воситаҳои таҳқиқоти саҳроӣ, омӯзиши криосфера, пиряхҳо, яхбандиҳои Помир ва дигар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Мутахассисони марказ ба воситаи таҷҳизот ва лавозимоти мазкур метавонанд бо дақиқи баланд тағйирёбии иқлим, лағжиши пиряхҳо ва хатари офатҳои табииро таҳлил намоянд.

Ҷаласаи ҳамоҳангии лоиҳаи “Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар ҳалли масъалаҳои мероси уран дар Осиёи Марказӣ”, марҳилаи III

Санаи 1 ноябри соли 2025 дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд ҷаласаи ҳамоҳангсозӣ баргузор гардид, ки дар он дурнамоии лоиҳаи "Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар ҳалли масъалаҳои мероси уран дар Осиёи Марказӣ" (Марҳилаи III) муҳокима гардид.

Иштироки кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар Форуми дуюми байналмилалии соҳаи саноати маъданҳои кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон

Санаи 9 декабри соли 2025 дар шаҳри Душанбе Форуми дуюми байналмилалии соҳаи саноати маъданҳои кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон баргузор гардид. Тадбири мазкур ба муаррифии иқтидори захираҳои маъдании Тоҷикистон ба ҷомеаи байналмилалӣ, намоиши доираи васеи захираҳои мавҷуда ва муайян кардани лоиҳаҳои умедбахши сармоягузорӣ мусоидат намуд.

Бо мақсади пайвасти илм бо истеҳсолот, дар чорабинии мазкур кормандони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ фаъолона иштирок намуданд.

4. ЧОРАБИНИҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

Мизи мудаввар “Нақши занону бонувон дар амалигардонии қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид “Соли 2025 – соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”

Санаи 20 феврали соли 2025 дар маҷлисгоҳи Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ҷиҳати иҷрои нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми августи соли 2023, №407 мизи мудаввар дар мавзуи “Нақши занону бонувон дар амалигардонии қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” бо иштироки занону бонувони Маркази омӯзиши пиряхҳо ва Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ доир гардид.

Иштироки олимаҳои Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ

Санаи 25 феврали соли 2025 олимаҳо ва мутахассисони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ зери унвони "Саҳми занон дар рушди илм”, ки бо ибтикори Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргузор гардида буд, иштирок намуданд ва дастовардҳои илмии худро муаррифӣ намуданд.

Тренинги омӯзишӣ дар донишгоҳи миллии тоҷикистон дар мавзуи «нақши ҷавонон ва занон дар бахши об»

Санаи 5 марти соли 2025 дар доираи татбиқи “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030” ходими калони илмии Агентӣ, Ҳакимова Нодира дар тренинги омӯзиш дар мавзуи “Нақши ҷавонон ва занон дар соҳаи об” , ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор гардид, бо маърузаи илмӣ баромад намуданд.

“Тоҷикона мепӯшем”

Санаи 3 майи соли 2025 бо мақсади арҷ гузоштан ба фарҳанги миллӣ аз ҷониби бонувони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ зери унвони “Тоҷикона мепӯшем” аксияи тарғиботию ташвиқотӣ роҳандозӣ гардид. Дар иқдоми мазкур меҳмонон аз хориҷи кишвар низ иштирок намуданд.

Боздиди донишҷӯёни донишгоҳи миллии тоҷикистон аз озмоишгоҳи маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ

Санаи 14 майи соли 2025 дар доираи ҳамкориҳои илмӣ байни ниҳодҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо донишгоҳҳои олии кишвар бо мақсади ҷалби ҷавонон ба илм, аз ҷумла, идома додани

таҳсил дар зинаи магистратура ва докторантура, як гурӯҳ донишҷӯёни курсҳои 2, 3 ва 4-и факултетҳои “Гидрогеология ва Геологияи муҳандисӣ”, “Биология”, “Физика” ва “Химия”-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз Муассисаи давлатии “Маркази омӯзиши пиряхҳо” ва Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ХБРЯ-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ боздид намуда, бо фаъолияти озмоишгоҳҳо ва пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ шинос шуданд.

Озмуни ҷумҳуриявӣ бахшида ба пиряхҳои Тоҷикистон

Санаи 22 майи соли 2025 дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ҳошияи баргузории конфронси сатҳи баланди ҳифзи пиряхҳо ва ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон таҳти унвони “Пиряхҳои Тоҷикистон: зебоӣ ва ҳифзи онҳо” марҳилаи ниҳоии озмуни ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.

Озмуни мазкур бо ташабуси Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ ташкил карда шуд, ки дар он аъзоёни бахши миллии “Хонуми ядроӣ” фаъолона саҳми худро гузоштанд.

Семинари илмӣ дар дар факултети химияи Донишгҳои давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни

Санаи 23 сентябри соли 2025 дар доираи нақша чорабиниҳои Бахши миллии «Хонуми ядроӣ» -и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар факултети химияи Донишгҳои давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни семинари илмӣ баргузор гардид

Дар семинар донишҷӯдухтарони курсҳои сеюм ва чоруми кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии факултаи мазкур иштирок намуданд. Дар кори семинар роҳбари Бахши милли “Хонуми ядроӣ”- и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ оид ба фаъолияти Бахши миллии “Хонуми ядроӣ”, шароиту имкониятҳои имрӯзаи Академияи милли илмҳои Тоҷикистон, аз кушодашудани озмоишгоҳҳои наву замонавӣ дар Академия ва аз дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа бо маъруза баромад намуданд.

Маҷлиси навбатии бахши миллии "Хонуми ядрой"

Саани 29 сентябри соли 2025 дар доираи нақша чорабиниҳои Бахши миллии "Хонуми ядрой" маҷлиси навбатӣ баргузор гардид. Дар кори маҷлис чорабиниҳои гузашта ва нақшаҳои минбаъдаи Бахш мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Нашри чорабинии бахши бонувони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар маҷаллаи “Winfo Women In Nuclear Global”

Дар нашрияи 73–юми маҷалаи “WINFO Women in Nuclear Global” чорабинии бахши миллии “Хонуми ядрой”-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ба нашр расид. Чорабинии мазкур санаи 14 майи соли ҷорӣ бо ташрифи донишҷӯёни факултетҳои химия, биология ва физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ ва Маркази минтақавии бехатарӣ, амният ва кафолати ҳастаӣ ва радиатсионии он сурат гирифта буд.

TAJIKISTAN

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY STUDENTS EXPLORE CBRN NUCLEAR SAFETY CENTRE

/win.tajikistan.nesa

On May 14, 2025, students from the Tajik National University visited the Regional CBRN Nuclear Safety, Security, and Safeguards Centre under the Chemical, Biological, Radiological, and Nuclear Safety and Security Agency of the National Academy of Sciences of Tajikistan. This excursion was organized by the WiN-Tajikistan national chapter in collaboration with other educational institutions. The event aimed to encourage young people to pursue careers in science, including continuing their education in masters and PhD programs.

During the visit, second, third, and fourth-year students from the faculties of Biology, Physics, and Chemistry had the opportunity to learn about the center's laboratory activities and the progress of its research work.

WiNFO 2025 29

Аксияи "Тоҷикона мепӯшем"

Санаи 14 октябри соли 2025 дар доираи фаъолияти Бахши миллии Хонуми ядрой аксияи "Тоҷикона мепӯшем" дар гулгаштҳои навбабар кардаи шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Иштироки аъзоёни бахши миллии "Хонуми ядрой"-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ дар семинари "Платформаи муколама: Нақши олимазанҳо дар ҳифзи гуногунии биологӣ ва рушди устувор"

Санаи 17 октябри соли 2025 дар шаҳри Душанбе семинари "Платформаи муколама: Нақши олимазанҳо дар ҳифзи гуногунии биологӣ ва рушди устувор" баргузор гардид, ки дар он аъзоёни бахши миллии "Хонуми ядрой"-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ иштирок карданд.

Семинари илмӣ-омӯзиши дар гимназияи № 2 барои хонандагони болаёқати ш. Душанбе

Санаи 22 октябри соли 2025 дар МТД Гимназияи 2 барои хонандагони болаёқати ш. Душанбе бо ташаббуси аъзоёни Бахши миллии "Хонуми ядрой" -и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ семинари илмӣ-омӯзишӣ дар мавзуи "Бехатарии радиатсионӣ" гузаронида

шуд, ки дар он корманди Агентӣ баромад намуд.

Инчунин дар рафти семинар аз як чанд хонандагони болаёқати Гимназияи мазкур бо маърӯзаҳо оиди амнияти биологӣ ва радиатсионӣ баромад намуданд. Ба талабагони фаъол аз номи бахш сипонома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

Дар охири чорабинӣ ба хонандагон маслиҳат ва тавсия дода шуд, ки ба илмҳои дақиқ, табиятшиносӣ ва технологияи муосир бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд.

Дар маҷаллаи "Бонувони Тоҷикистон" вобаста ба фаъолияти бахши миллии "Хонуми ядрой" ва дар мачмуъ бонувони Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ мақола ба нашр расид

Дар ҳифзи амнияти химияви, биологӣ, радиатсионӣ ва ядрой

Баргузории дарси кушод дар Гимназия ба номи Асадулло Ғуломови шаҳри Душанбе

Дар доираи амалисозии “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (солҳои 2020-2040), ки бо Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидааст ва мувофиқи нақшаи чорабиниҳои Бахши миллии “Хонуми ядрой”-и Агентии амнияти ХБРЯ-и АМИТ, санаи 19 декабри соли 2025 дар Гимназияи ба номи Асадулло Ғуломов (собиқ гимназияи №9) дар шаҳри Душанбе дарси кушод баргузор гардид.

QR - кодҳо барои обунашавӣ дар саҳифаҳои иҷтимоии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Telegram

Instagram

facebook

www.cbrn.tj

Суроғаи мо

www.youtube.com